# ПРОТОКОЛИ № 24

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

17 октябри соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар

**Раиси шуро: Бобоев Х.Ю.**

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд тасдиқгардида 14 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравtotанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъана ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар давраҳои шуравӣ ва истиқлолият (дар мисоли ноҳияи Данғара)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07- Мардумшиносӣ, этнология ва антропология)

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ **Тиллоев С.С**. ва аъзои комиссия Қобилова Б.Т. ва Сайнаков С. оид ба шиносии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъана ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар давраҳои шуравӣ ва истиқлолият (дар мисоли ноҳияи Данғара)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 –Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07- Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсия Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъана ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб дар давраҳои шуравӣ ва

истиқлолият (Дар мисоли ноҳияи Данғара)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 –Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07- Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Қаххор Расулиён - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Сафаров Холмад Хоркашович - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" тавсия карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба сурогаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 25 декабри соли 2025, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор - 14, муқобил -нест, бетараф - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои таърих Х. Бобоев

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ доктори фалсафа (PhD)
аз рӯйи ихтисоси таърих Ш. Мирзоев

17.10.2025